*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013*
*назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес*
*ва сиёсати Тоҷикистон*
*(735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1)*

**Такризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиджанов Джамшед Абдукаюмович ба диссертатсияи Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна дар мавзӯи "Татбиқи сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Мукаммалгардонии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа аз бисёр ҷиҳат аз ҳолат ва тараққиёти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ вобастагии аниқ дорад.

Зарурати такомули амалигардонии сиёсати саноатӣ бо мақсади муайян намудани ҳадафҳои гузариши сноати мамлакат ва минтақаҳои он ба самти инноватсионӣ дар илми иқтисодӣ дар солҳои охир диққати махсус зоҳир карда мешавад, ки бо муайян намудани ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ алоқамандии зич дорад. Дар корҳои илмии солҳои охир, мушкилотҳои соҳаҳои саноат чӣ дар сатҳи минтақа, ва чӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аммо дар сатҳи иқтисодиёти минтақа татбиқ ва такомули сиёсати саноатӣ бисёр масъалаҳои ҳалталабро тавсиф мекунад.

Амалигардонии сиёсати саноатӣ вобаста ба иқтисодиёти минтақа дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба такомули чараёни такрористеҳсол, муқаррар намудани заминаҳои базавии пешрафти соҳаҳои саноатро тақозо менамояд. Вобаста ба ин ҳолат дар давраи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ татбиқи илман асоснокшудаи сиёсати саноатӣ дар минтақа аҳамияти амалӣ ва илмӣ дорад. Аз ин лиҳоз муҳимият ва саривақтии тадқиқоти Қаюмова М.Х. арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи Қаюмова М.Х. барои ҳалли масъалаҳои муайян намудани табиат ва аҳамияти сиёсати саноатӣ дар тараққиёти саноати минтақа дар давраи муосир, аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва ҳадафҳои тараққиёти саноати минтақа дар шароити тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва омӯзишу таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба тараққиёти соҳа, таҳлили эмпирики муққарар намудани вазъи феълии саноати вилояти Суғд дар шароити муосир ва бо назардошти таҳлили маълумоти зарурии оморӣ, баҳогузорӣ намудани иқтидори истеҳсолии соҳаҳои саноати минтақа, таҳлил ва баҳодиҳии сатҳ ва самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти саноати минтақа ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Дар ҷараёни иҷроиши диссертатсия Қаюмова М.Х. бо миқдори зиёди адабиёти илмӣ ва маводҳои электронии зарурӣ шинос гардида, доир ба масъалаи тадқиқшаванда маълумоти кофии омориро мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор дод. Дар диссертасия назарияҳои муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа таҳқиқ ва баҳогузорӣ карда шудааст. Бодарназардошти хислатҳои татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақаҳо кишварҳои ҷаҳон ба муаллиф муяссар гардид, ки ҳадафҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати саноатиро дар минтақаи вилояти Суғд муайян намояд.

Мазмун ва мундариҷаи тадқиқоти илмӣ ва арзиши илмии он ба Шиносномаи номгӯи тахассусҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат менамояд.

Дар ҷараёни омодасозии диссертатсия Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна худро ҳамчун тадқиқотчии мустақил нишон дода, вазифаҳои муқаррааргардидаи тадқиқотро сариваќт дар сатҳи баланд иҷро карданд, ки аз сатҳи дониши баланди назариявӣ ва амалӣ гувоҳӣ медиҳад. Умуман унвонҷӯ нисбати худ серталабиро нишон дода, масъулияти баланд дорад.

Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия ифодаёфта, инчунин хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ метавонанд барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақаи вилояти Суғд дар

чараёни фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, инчунин дар чараёни таълим барои омода намудани мутахассисони дараҷаи бакалавр ва магистр барои хондани фанҳои махсус, ба монанди "Иқтисодиёти минтақаҳо", "Иқтисодиёти соҳавӣ" ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

Боиси таъкид аст, ки дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд ва докторант ба мақсади ниҳоии тадқиқоти худ расидааст.

Умуман диссертатсияи докторант ба талаботҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳои илмӣ гузошта шудааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Қаюмова Муҳайёхон Хуршедовна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., дотсент** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ, д.и.и., дотсент Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

30.09.2022